Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳиддинович «масъалаҳоитаъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)**

Яке аз проблемаҳои ҷиддие, ки имрӯз инсониятро ба ташвиш овардааст ва дар сатҳи ҷаҳонӣ боиси изтироб қарор гирифтааст, экстремизм ва терроризм мебошад. Дар ин бора асарҳои зиёд навишта шудаанд, сиёсатмадорон онро хатари бузурге барои инсоният донистаанд. Воқеаҳои солҳои охири асри XX ва оғози асри XX1 собит кард, ки мубориза бо терроризм кӯшиши муттаҳидонаи кишварҳо ва нирӯҳои ҳавасманди ҷомеаро тақозо мекунад. Муҳимтарин масъала муайян карддани сабабҳои пахн шудани экстремизм ва терроризм аст. Муҳаққиқони Ғарбу Шарқ дар ин бора бисёр навиштаанд ва дар муколамаҳои вобаста ба фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва сулҳи Тоҷикистон низ ба ин падида андешаҳои гуногуни экспертҳо баён шуда буданд.

Воқеаҳои террористие, ки солҳои ахир дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон рух додаанд, бори дигар зарурати омӯхтани ин гуна падидаҳои номатлубро тақозо мекунанд.

Ба таҳқиқи масъалаи мазкур машғул шудани олими ҷавон Тошов Ҳ.М. шоистаи дастгирист. Дар автореферати диссертатсия муаллиф дар бораи зарурати таҳқиқи мавзуъ, мубрамияти он ва мавқеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба зарурати мубориза бо экстремизм ва терроризм баён намуда, таъкид кардааст, ки «сабабҳои зуҳурёбӣ, паҳншавӣ, механизми пешгирӣ, бартарафкунӣ ва решакан кардани он муайян карда шавад». Муаллиф дар баробари шиносоӣ бо асарҳои зиёди

муҳаққиқони масъала, ки онҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо кардааст, муҳаққиқони тоҷик Дар асарҳои илмию таҳқиқотии А.Н. Муҳаммад, Г.Н. Зокиров, С.С. Ятимов, Д. Назиров, Х. Холиқназар, А.Х. Имомов, А. Раҳнамо, З. Саидов, И.С. Шарипов, Х.Қ. Сафарализодаро низ зикр намуда, асарҳои онҳоро истифода карда, дар бобҳои марбутаи рисолааш ба фикри онҳо истинод намуда, аз мавқеи худ баҳо додааст, ки ҷиҳати хуби кори диссертант мебошад.

Навгонии таҳқиқоти Тошов Ҳ.М., чунонки дар автореферат зикр кардааст, аз нуктаҳои зерин иборат аст: мафҳум ва моҳияти таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар заминаи таҳлили васеи консепсияҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд; таҳдидҳои фаъолияти созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуда, ки дар шароити имрӯза бевосита ба амнияти минтақа таъсир мерасонанд, таҳлил карда шудаанд; нақши созмонҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ ва СААД, дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои зиддитеррористии созмонҳои мазкур дар минтақа таҳқиқ шудаанд; мақом ва мавқеи СҲШ дар ҳифзи амнияти минтақавӣ ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир муайян карда шуданд; мавқеи давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, ба монандаи Россия, Чин ва ИМА, дар таъмини амнияти минтақа ва ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои минтақа баррасӣ шудааст; таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин муайян ва таҳлил гардида, оид ба дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва падидаҳои номатлуб натиҷагирӣ карда шудааст.

Албатта, баъзе аз навгониҳои зикркардаи муаллиф дар таҳқиқотҳо ва таҳлилҳои олимон ва сиёсатмадорони саҳҳои гуногун баён шудаанд, вале мувофиқи як низоми муайяни таҳқиқӣ онҳоро баррасӣ кардани диссертант ва ба масъалаҳои мураккабу печидаи илмӣ ҷуръат кардани ӯ боиси дастгирист.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ва мутолиаи бобҳои марбутаи автореферати диссертатсия ба хулоса омадан мумкин аст, ки Тошов Ҳ.М.

сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Академики АМИТ, Арбоби илм
ва техникаи ҶТ, доктори
илмҳои фалсафа, профессор **Кароматулло Олимов**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел.: (+992) 907702115

Имзои профессор Олимов К.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел.: (+992 37) 221 50 83;
Факс: (+992 37) 221 49 11.

02.06.2025